**Нусха**

аз қарори №10 ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз «31» майи соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** 15 нафар аъзои Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм, 7 нафарашон номзадони илм ва 5 нафарашон саромӯзгор мебошанд. Дар кори ҷаласа 15 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 2 нафар даъватшудагон иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1.Баррасии диссертатсия Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Аз рӯйи масъалаи мазкур Баротзода Ф.К. – декани факултет, раиси Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баромад намуд. Мавсуф қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои муҳокима ва баррасӣ дар ҷаласаи васеи факултет пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ баргузор гардида, нусхаи суратҷаласа ва хулосаи мусбати кафедраи мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи довталаб оид ба баррасии диссертатсия дар Шӯрои олимони факултет 2 нафар муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд. Ҳамчунин, дар ҷаласа роҳбари илмии довталаб доктори илмҳои филология, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович иштирок доранд.

Сипас барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссератсионӣ сухан ба довталаби дараҷаи илмӣ Аслонова Г.Н. дода шуд.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба довталаб саволҳо пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, доктори илмҳои филологӣ, профессори Каримов Ш., номзади илми педагогӣ, дотсент Ғуломов А. ва номзади илми педагогика, дотсент Сатторова Н. дар атрофи маърузаи довталаб саволҳо пешниҳод намуданд. Маърузакунада ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Баъдан, бо хоҳиши роҳбари илмӣ тақризҳои роҳбари илмӣ ва мушовири илмӣ аз ҷониби котиби Шӯрои олимони факултет қироат карда шуд.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холис – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ Мирзоева М.М. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти диссератсиониро зикр намуда, аз дастовардҳо ва саҳми назарраси довталаби илмӣ дар тақризашон ёдовар шуданд. Ҳамчунин, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ пешниҳод намуданд. Номбурда дар охири суханрониашон диссератсияро кори комилан баанҷомрасида арзёбӣ карда, барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионӣ назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан, тавсия карданд.

Баъдан муқарризи холис – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Комилов М.М. ба сухан баромада, нисбати хуб таҳияву омода гаштани кори диссертатсионӣ ва пурра ҳаллу фасл гаштани мақсаду вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқотӣ ибрози фикр намуданд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро баён намуда, дар маҷмуъ кори диссератсиониро баанҷомрасида қайд карданд. Муқарризи холис Комилов М. диссертатсии довталабро барои ба экспертизаи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия карданд.

Ба эродҳои муқарризони холис довталаб Аслонова Г.Н. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссератсия пардохтанд. Дар муҳокима аъзои шуро – номзадон илм Бекчаев Ё. ва Сангинова М. иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тарафҳои мухталифи воҳидҳои фразеологии исмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, натиҷаҳои он бешубҳа минбаъд дар инкишофи илми фразеология аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Дар охир аъзоёни ҷаласа пешниҳоди муқарризони холисро дар хусуси таҳқиқоти диссератсионии довталабро ба экспертизаи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия додан дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои шуро дар мавриди ба экспертизаи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ

ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Аслонова Г.Н. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
- тарафдор – 15 нафар;
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссератсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда карда шавад.

Раиси ҷаласа, декани факултети забони англисӣ, н.и.ф., дотсент — Баротзода Файзиддини Камолиддин

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ — Ғуломов Наимҷон Хайриллоевич

"Тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Давлатхон Қурбонмуродович